# РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ДУҶОНИБАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТИ ҚАТАР – САМАРАИ СИЁСАТИ ДАРҲОИ БОЗ

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорроҳаи тамаддунҳои ҷаҳонӣ қарор дорад. Тоҷикистон ҳамчун кишвари пасошӯравӣ бо Федератсияи Россия, ки сарвари мамлакатҳои ҳавзаи тамаддуни православӣ мебошад, шарики стратегӣ маҳсуб меёбад. Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки ташаккулдиҳандаи тамаддуни конфутсианист, дар сатҳи шарикии стратегӣ ба роҳ монда шудааст. Вобаста ба сохтори конститутсионии кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ эълон гардидааст, ки чунин модели давлатдорӣ мамлакатро бо тамаддуни ғарбӣ мепайвандад. Аксарияти кулли аҳолии Тоҷикистон пайрави дини ислом мебошанд, ки чунин ҳолат кишварро дар ҳавзаи тамаддуни исломӣ ворид месозад. Бинобар ин, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд вижагиҳои худро дошта бошад, ки онро дар ҳикмати сиёсати дарҳои боз мушоҳида карда метавонем. Ҳарчанд сиёсати дарҳои боз дар охири соли 2002 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардида бошад ҳам, зарурияти он аз аввалин лаҳзаҳои фаъолияти сиёсии Сарвари давлат дарку эҳсос гардида буд. Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар изҳороти худ роҷеъ ба яксолагии узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид моҳи марти соли 1993 изҳор дошт, ки «ҳамчун узви СММ Тоҷикистон дарҳои худро барои ҳамаи кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ кушодааст». Ҳамин тариқ, баъди эълони сиёсати дарҳои боз Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои хориҷии худро бо назардошти манфиатҳои тарафайн дар ҳавзаҳои гуногуни ҷаҳонӣ ба роҳ монд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои арабӣ, бахусус бо Давлати Қатар марҳилаҳои гуногуни рушду инкишофро тай намудаанд. Робитаҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар ҳанӯз аз 13 декабри соли 1994 оғоз гардида буд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ду маротиба (солҳои 2007 ва 2017) барои рушди ҳамкориҳои сиёсии ду кишвар ба Давлати Қатар сафари расмӣ анҷом додаанд.

Соли 2007 Амири Давлати Қатар Шайх Ҳамад бин Халифа Оли Сонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда буданд. Рӯзҳои 14-15 июни соли 2019 ҷиҳати иштирок дар Ҳамоиши панҷуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё сафари кории Амири Давлати Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифта буд.

Қобили зикр аст, ки дар солҳои истиқлолият робитаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Давлати Қатар дар сатҳи ҳамкориҳои байнипарлумонӣ ва байниҳукуматӣ низ хеле густариш ёфтааст. То ба имрӯз ҷонибҳо 16 санади байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расонидаанд. Ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузории Давлати Қатар дар рушди инфрасохтори Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим мебошанд. Давлати Қатар сохтмони «Масҷиди калони Душанбе»-ро, ки дар Осиёи Марказӣ бузургтарин масҷиди ҷомеъ ба шумор меравад, маблағгузорӣ намудааст. Ширкати қатарии «Диёр» дар пойтахти кишварамон лоиҳаи сармоягузории «Диёри Душанбе»-ро татбиқ менамояд.

Ҳамкориҳои Давлати Қатар бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини амнияти миллӣ, суботи сиёсӣ, аз ҳама муҳим дар самти муқовимат бо экстремизму терроризм хеле муҳим мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста аз дини ислом пуштибонӣ намуда, аз минбарҳои баланди созмонҳои байналмилалӣ иброз намудааст, ки «террорист дар асли худ миллат, мазҳаб ва Ватан надорад ва душмани худову бандагони ӯст». Соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мусоҳибаи худ бо хабарнигори рӯзномаи "аш-Шарқ ал-Авсат"-и Арабистони Саудӣ иброз намуда буд, ки «террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст. Зуҳуроти фалокатбори терроризму ифротгароӣ ҳеҷ умумияте бо дин, аз ҷумла бо дини мубини ислом надорад ва бо истифода аз номи ислом ба хотири ҳадафҳои сиёҳу ғаразноки сиёсӣ содир карда мешавад».

Мавқеи Давлати Қатар низ дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм бо манфиатҳои амниятии кишварҳои Осиёи Марказӣ мутобиқ аст. Қобили зикр аст, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои арабӣ на танҳо дар рушди робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ, фарҳангию сиёсӣ, балки дар самти мубориза бо таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир хеле муҳим мебошад.

Сафарализода Х.Қ.
н.и.с., мудири кафедраи равандҳои сиёсии ДМТ